# САФОРАТИ ЧОПОН ТОҶИКИСТОН

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

# EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


## АНҶОМИ ЛОИҲАИ СОХТМОНИ БИНОИ НАВ БАРОИ МАКТАБИ №22 ДАР НОҲИЯИ ВАХШ ДАР ДОИРАИ КӮМАКИ РАСМИИ РУШДИ ҶОПОН

**Душанбе, ТАДЖИКИСТАН**

06 сентября 2024 года **ҷ-би Тошиҳиро АИКИ**, Сафири Фавкулода ва Мухтори Ҷопон, ҳамроҳ бо **ҷ-би Қурбоналӣ ЮСУПОВ**, раиси ноҳияи Вахш ва **ҷ-би Ҳайдаралӣ РАҶАБЗОДА**, роҳбари дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маросими ба истифода додани «Лоиҳаи сохтмони бинои нави мактаби № 22-и деҳаи Ленин-1, ноҳияи Вахш» иштирок намуданд. Дар ин маросим намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва сокинони деҳа низ ширкат доштанд.

Барои татбиқи ин лоиҳа, дар доираи барномаи Ҳукумати Ҷопон "Кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ" (GGP) бо маблағи $106,243 доллари ИМА грант ҷудо карда шуд. Пеш аз татбиқи лоиҳа, хонандагон дар шароити ҳолати садамавии бинои кӯҳна таҳсил мекарданд, ки ин мушкилоти зиёдеро дар байн меовард ва онҳо маҷбур буданд, ки ба дигар бино, ки талабагон зиёд буд ва инчуни стандартҳои муосири бехатарӣ мувофиқат намекард, гузаранд. Мушкилот махсусан дар давраи борон ва хунукӣ буд. Гузашта аз ин, бо сабаби норасоии биноҳои таълимӣ, баъзе хонандагон маҷбур шуданд, ки ба мактабҳои деҳаҳои ҳамсоя, ки 3 километр дуртар аз хонаи онҳо воқеъ аст, раванд. Дар доираи лоиҳаи нав дар деҳаи Ленин-1, ноҳияи Вахш, бинои муосири мактаб сохта шуд, ки бо 8 синф муҷаҳҳаз карда шудааст. Ин барои зиёда аз 700 хонандагон шароити бароҳат, бехатар ва васеъ фароҳам меорад, ки сифати таҳсилоти онҳоро хеле баланд мебардорад ва муҳити муосири таълимиро фароҳам меорад.

Дар маросим Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҷ-би Тошиҳиро АИКИ,** Ҳозирин ва сокинони деҳаро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳа табрик гуфта, қайд кард, ки Ҷопон дар тӯли беш аз 30 соли ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон ба халқи тоҷик ҳамчун як дӯсти хуб дар соҳаҳои гуногун кӯмак кардааст ва маориф яке аз бахшҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ҷопон мебошад.

Раиси ноҳияи Вахш ва сокинони деҳа барои кумакҳои расонидашуда ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон изҳори сипос намуданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ "GGP" тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши*

*аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***464*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38,2*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 150 лоиҳа дар соҳаи маориф.*

*Для более подробной информации о GGP: [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)*







